## Натиҷа

1. Дар давраи асрҳои миёна ақидаи кайҳонмарказии фалсафаи атиқа аз тарафи ақидаи худомарказӣ маҳдуд мешавад. Фалсафа ба хидматгори илоҳиёт мубаддал мегардад. Фалсафаи асрҳои миёна аз ду марҳала иборат мебошад: патристика ва схоластика.
2. Фалсафаи патристика такя бар таълимоти «падарони калиссо» дошта, хусусияти ортодоксалӣ (бунёдӣ) дорад. Патристика низ дар навбати худ ба ду марҳала ҷудо мешавад: апологетика, ки мақасади он ҳимоя ва асоснок кардани таълимоти насрония буд ва патристикаи баркамол, ки мақсади он коркарди системаи динӣ-ақлонӣ ва кӯшиши пайванд додани дин ва фалсафаи атиқа буд.
3. Фалсафаи схоластикӣ кӯшиш мекунад, ки таълимоти динии насрониро ба як система дароварда, роҳи асоснок намудани онро бо далоили ақлӣ пайдо намояд.
4. Ба бештари файласуфони асрҳои миёна андешаи догматикӣ хос мебошад. Аксарияти онҳо такя бар навиштаҷоти Библия мекарданд.

**Саволҳо барои КМДУ:**

1. Хусусияти хоси таълимоти фалсафии асрҳои миёна.
2. Оиди таълимоти патристика маълумот диҳед.
3. Таълимоти Авриел Августин.
4. Схоластика ҳамчун фалсафаи динӣ
5. Таълимоти Фомаи Аквинӣ
6. Хусусиятҳои фарққунандаи таълимоти номинализм аз реализм.